# ҚАРОРИ

## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ»

*аз 7 апрели соли 1999 №142*
*ш.Душанбе*

Бо мақсади таъмини иҷрои кафолати давлатӣ ба хизматчиёни давлатӣ, ки бо банди 6 қисми якуми моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» муқаррар шудааст Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Гузаронидани суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ дар ҳолатҳои беморӣ ё гум кардани қобилияти меҳнатӣ, ҳалокшавӣ ё расонидани зарар ба саломатӣ ва амволи ӯ вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатии вай ба зиммаи Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон гузошта шавад.

2. Маблағи суғуртавӣ ба андозаи музди меҳнати панҷсолаи хизматчии давлатӣ муқаррар карда шавад.

3. Банди 3 бекор шудааст (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.05 №499).

4. Аз пардохтҳои суғуртавии воридгардида ба мақсадҳои зайл маблағ гузаронида мешавад:

барои пардохти пули суғурта - 92 фоиз;

барои ғанӣ гардонидани фонди захиравӣ - 5 фоиз;

барои коргузории ташкилоти суғурта - 3 фоиз.

Маблағи сарфнашудае, ки барои пардохти пули суғурта муқаррар шудаанд, ба буҷети ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Тоҷикистон 70 фоиз ва ба фонди захиравии Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон 30 фоиз гузаронида мешавад.

5. Маблағи суғурта дар мавридҳо ва ба андозаҳои зайл пардохта мешавад:

а) дар мавриди ба ҳалокат расидани хизматчии давлатӣ ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ - ба андозаи маблағи суғурта;

б) дар мавриди маъюбшавӣ ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ;

– маъюби гурӯҳи I - 80 фоизи маблағи суғурта;
– маъюби гурӯҳи II - 60 фоизи маблағи суғурта;
– маъюби гурӯҳи III - 40 фоизи маблағи суғурта.

6. Қарори мазкур ба хизматчиёни давлатие, ки вакили халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, дахл надорад.

7. Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон дар мӯҳлати як моҳ дастурамали тартиби гузаронидани суғуртаи ҳатмии давлатии ҳаёт ва саломатии хизматчиёни давлатиро таҳия ва тасдиқ намояд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов